«Тасдиқ менамоям»
Директори Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, н.и.и., дотсент
_____________ Ҷалилзода А.А.
« ___ » ___01___________ с.2025

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ**

**1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда**

Диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба бандҳои зерини Шиноснома ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ мутобиқат мекунад: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; 4. Пешгӯии тағйироти сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; 5. Таҳқиқи фаъолияти соҳибкорӣ дар ягонагии унсурҳои асосии он: шахсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ-идоракунӣ; 6. Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи аломатҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; аз рӯйи миқёси фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, миёнаравӣ ва ғ.); 13. Ташкили низоми ҳамкории соҳибкории хурд ва калон. Ташаккул ва рушди соҳибкории шабакавӣ бо назардошти мақсаднокии иқтисодии он. Франчайзинг ҳамчун намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ; 23. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани он.

**2. Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Раванди бемайлон ва босуръати ҷаҳонишавӣ, ташаккули вазъи мувофиқу муносиби ташаккули технологияи ҷадиди муосири истеҳсолот ба рушду нумӯи навъҳои комили хоҷагидорӣ, аз ҷумла иқтисодиёти шабакавӣ, технологияи нави

фаъолияти иқтисодиёти шабакавӣ, яъне соҳибкории шабакавӣ бешубҳа мусоидат намуд.

Иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ нисбат ба шаклҳои анъанавии фаъолияти иқтисодӣ афзалиятнокии зиёд дошта, самаранокии ислоҳоти иқтисодиро таъмин менамояд.

Вобаста ба иқтисоди Тоҷикистон аҳамияти иқтисодиёти шабакавӣ беназир буда, самаранокии низоми иқтисодиро таъмин менамояд, зеро он қобилият ва хусусияти эҷодкории соҳибкориро нишон медиҳад.

Ғайр аз ин, соҳибкории шабакавӣ омили асосии рушди иқтисоди муосири рақамӣ (инноватсионӣ) мебошад, зеро мақсади рушди соҳибкорӣ дар кишвар, пайдо ва зиёд намудани фоида, бештар қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба молу хизматҳо мебошад.

Бинобар ин, соҳибкории шабакавӣ технологияи нави фаъолият ва усули хоҷагидории бозорӣ мебошад ва рақобатпазирии иқтисодии вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд.

Соҳибкории шабакавӣ ба рушди муҳити устувори соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Дар навбати худ, муҳити соҳибкорӣ муносибатҳои истеҳсолӣ-шабакавиро ташаккул дода, ҳамкории соҳибкорон, ширкатҳо ва муассисаҳоро такмил медиҳад. Аз ин рӯ, ба соҳибкорон, аз ҷумла соҳибкорони вилоят, дигар минтақаҳо барои ширкат намудан, амалисозии равобити иқтисодӣ ва ҳам фаъолияти тиҷоратӣ дар бозори ҷаҳонӣ соҳибкории шабакавӣ мусоидат менамояд.

Ин ва дигар нуктаҳои марбут ба он моҳият ва аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам методии инкишоф ва рушду нумӯи соҳибкории шабакавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос намуда, аз ин нуқтаи назар зарурияти таҳқиқи масъалаи мазкур дар заминаи соҳибкории шабакавӣ дар вилояти Суғд вуҷуд дорад.

**3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия**

Навгонии илмии таҳқиқот аз рушди назарияи соҳибкорӣ дар мисоли соҳибкории шабакавӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ барои истифода дар муҳити соҳибкории миллӣ мебошад.

Аз ҷониби муаллиф, нуктаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои хусусиятҳои навгонии илмӣ мебошанд:

1. Дар асоси низомбандии асосҳои назариявии иқтисодиёти шабакавӣ мафҳуми онро боз ҳам ғанӣ сохта, ҳамчун мукаммалтарин навъ ё худ шакли хоҷагидорӣ, тавассути истифода намудани шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ташкил намудани навъи дигари истеҳсолоти инноватсионӣ маҳсуб гашта, дорои самаранокии баланди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад, пешниҳод шудааст. Иқтисодиёти шабакавӣ ва шакли калидии он - соҳибкории шабакавӣ рушди муносибатҳои иқтисодии бозориро дар иқтисодиёти миллӣ таъмин менамояд.

2. Дар натиҷаи арзёбии сармояи зеҳнии иқтисоди шабакавӣ муайян гаштааст, ки ташаккул ва рушди иқтисодиёти шабакавӣ ва соҳибкории шабакавӣ бо дараҷаи афзоиши истифода бурдани иттилоот алоқаманд мебошад, ки барои иштирок дар рушди иқтисоди миллӣ ҳамчун субъекти баробар шароит фароҳам меорад. Зеро доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло «нокифоя» буда, асосан фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолот ва тиҷорат ба назар мерасад.

3. Барои арзёбии самаранокии фаъолияти соҳибкории шабакавӣ усуле пешниҳод шудааст, ки ба низоми нишондиҳандаҳои асосии соҳибкорӣ асос ёфтааст: зичӣ ва дараҷаи ҳамоҳангии шабака, зичӣ ва устувории робитаҳои тиҷоратӣ, тавозуни сохторӣ, дараҷаи расмисозии робитаҳои тиҷоратӣ дар соҳибкории шабакавӣ.

4. Исбот гаштааст, ки такмили сохтории рушд ва ташаккули соҳибкории шабакавӣ ба афзоиши самараи ҳамкории давлат бо бизнес, пешгӯӣ ва ташаккули амалкарди соҳибкории шабакавӣ ва таъсири навъҳои инноватсионӣ вобастагӣ дорад. Танзими давлатии соҳибкорӣ барои ҳамгироии ҷанбаҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, мавҷуд будани асимметрия ё маълумоти нокифоя ва эҳтимолии истифода ва ғайраро ба назар гирифта, ба рушди он таъсир мерасонад.

5. Муайян карда шудааст, ки роҳҳои баландсозии самараи фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории шабакавӣ аз муайянсозии талаботи иқтисодиёти

Тоҷикистон, ҳамчунин талаботи иҷтимоӣ, иқтисодии аҳолӣ, стратегияи рушд, ҷойгирсозӣ ва ҷобаҷокунии қувваи истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ марбут мебошад.

**4. Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар таъмини назариявию методӣ ва мустанад гардонидани тадбирҳои амалӣ ифода ёфта, ба муайян кардани рушди соҳибкории шабакавӣ ва истифодаи босамари он дар минтақа нигаронида шудааст. Он аҳамияти фаъолияти соҳибкории шабакавӣ, саноатӣ-шабакавӣ ва тиҷоратӣ-шабакавии иқтисоди вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ошкор менамояд.

**5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузоштташуда равишҳои назариявӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ марбут ба инкишоф ва ташаккули соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории шабакавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи истифода аз методҳои умумии илмӣ: синтез, муқоиса, индуксия ва дедуксия, таҳлили оморӣ ва таҳқиқоти монографӣ сурат гирифтааст.

Эътимоднокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқот тавассути таҳлили пурраи кори муаллифони гуногун дар мавзуи таҳқиқшуда, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (СМР) то соли 2030, Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», иртиботи маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти иқтисодиёти шабакавӣ, соҳибкории шабакавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои назарсанҷии муаллиф ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот таъмин карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони хориҷию ватаниро дар рушди соҳибкорӣ истифода бурдааст.

Мавриди таҳқиқ қарор додани асоси масоили марбут ба инкишоф ва ташаккули соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории шабакавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи истифода аз методҳои умумии илмӣ сурат гирифтааст.

Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия дар самти омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва методологии соҳибкорӣ ва соҳибкории шабакавӣ нишон медиҳад, ки муаллиф аз адабиёти илмӣ, ки ба мавзуи таҳқиқот вобаста аст, ба таври зарурӣ истифода намудааст.

**6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 179 саҳифа буда, 16 расм, 3 диаграмма, 36 ҷадвал ва 167 номгӯи адабиётро дар бар мегирад.

Дар муқаддима (саҳ.5-13) дараҷаи коркарди мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми иқтисодӣ оварда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пешниҳод карда шудааст.

Дар боби якум «Асосҳои назариявӣ ва методии таҳқиқи иқтисодиёти шабакавӣ», коркарди консептуалии назарияҳои классикӣ ва муосири иқтисодӣ дар заминаи масъалаҳои ташаккул ва рушди соҳибкорӣ баррасӣ мешавад.

Ҳамчунин, зимни таҳияи рисолаи мазкур, диссертант таҳқиқоти назариявии олимони ватанӣ ва хориҷиро перомуни ҷанбаҳои гуногуни ташаккули соҳибкории шабакавӣ, иқтисодиёт, аз ҷумла иқтисоди бозорӣ ва ҷойгоҳи иқтисоди миллӣ дар шароити муосир, барномаҳои давлатӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар раванд ва соҳаи фаъолияту танзими соҳибкории шабакавӣ мавриди таҳлил қарор дода, андешаҳои амиқи худро баён намудааст (саҳ. 14-65).

Инчунин, дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявии таҳқиқи иқтисодиёти шабакавӣ, равияҳои методии баҳодиҳии сармояи зеҳнии он ва таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди иқтисодиёти шабакавӣ таҳлил шудааст.

Диссертант қайд менамояд, ки соҳибкории шабакавӣ сохтори ба таври систематикӣ ташкилшудаи доираи муносибатҳо дар шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва интернет мебошад, ки маълумот оид ба роҳҳои

истеҳсоли мол, нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯи технологияи нав ва гардиши молу хизматҳоро дар рақамикунонии иқтисодиёт таҷассум менамояд (саҳ.14).

Муаллиф дар диссертатсия қайд менамояд, ки татбиқи хидмат таҳлили равандҳоеро, ки соҳибкории шабакавиро ба вуҷуд меоранд, хеле осон мекунад, фаъолияти таҳлилии муҳаққиқони хориҷиро ҳавасманд мекунад. Зеро миқдори зиёди иттилоот барои бисёриҳо дастрас мегардад ва назар ба фаъолиятҳо аз берун метавонад фаъолият гардад ва амал карда, ба сиёсати тараққиёти субъекти хоҷагӣ назари нав оварад (саҳ.58).

Муҳити институтсионалии иқтисодиёт институтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки сатҳи фаъолияти соҳибкорӣ ва инноватсионии субъектҳои иқтисодиёти шабакавиро муайян мекунад.

Соҳибкории навоварона дар соҳибкории шабакавӣ, ки асоси илмӣ дорад, асоси фаъолият ва истеҳсоли маҳсулоти нав, технологияи нав ва омезиши нави омилҳои истеҳсолӣ маҳсуб мешавад.

Муҳити институтсионалии рушди соҳибкории шабакавӣ таҳқиқи элементҳои сохтори он - сармояи соҳибкорӣ, сармояи зеҳнии шабака, меҳнат, захираҳо, пул, сармояи истеҳсолӣ, иттилоотро талаб менамояд (саҳ.60).

Дар боби дуюм «Ҳолати муосир ва рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд» - ҳолати муосири рушди соҳибкории шабакавӣ, соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат дар баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва самаранокии соҳибкорӣ дар соҳаи тиҷорат омӯхта шудааст (саҳ.66-109).

Соҳибкории шабакавии минтақа, дар навбати худ, бо афзоиши таъсири худ ба фаъолияти иқтисодӣ, ба тағйирот дар сохтори соҳаи он таъсир мерасонад (саҳ.67).

Ин як далели раднопазир аст, ки рушди илму техника дар ҷаҳони муосир яке аз муҳаррикҳои асосии истеҳсолот ва тиҷорат мебошад, зеро таҳия ва ба вуҷуд овардани технология ва таҷҳизоти ҳозиразамон дар иқтисодиёт самараи истеҳсолот ва соҳибкории шабакавиро хеле баланд мебардорад (саҳ.67).

Ба фикри муаллифи дисертатсия инкишофи соҳибкории шабакавии минтақа аз миқёсу самти фаъолият вобастагӣ дошта, он фақат ба ташаккули дохилӣ

нигаронида шуда, қонеъ намудани эҳтиёҷоти мардуми вилоят дорои аломатҳои беруна, ба монанди қонеъсозии эҳтиёҷи аҳолии ноҳияҳо, ҷумҳурӣ, кишварҳои хориҷӣ мебошад ва пас аз баррасии рушди соҳибкории шабакавии вилоят нокифоя қонеъ гардонидани талаботи аҳолии вилоят, маҳдудиятҳое, ки дар маҷмӯъ дар соҳибкорӣ вуҷуд доранд, ба чашм расид. Ин барои амалисозии хариду фурӯши мол, хизматрасонӣ имкониятҳои махсус фароҳам меорад.

Чун мисол қайд шудааст, ки аз ҷониби ширкати Somon.tj имкониятҳои платформаҳои интернетӣ ҳаматарафа истифода гашта, дар он зиёда аз 35 ҳазор эълон оид ба фурӯши молу пешниҳоди хидматҳо ҷой доранд ва таҳиягарони Somon.tj дар такмили он пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳанд (саҳ.72).

Эшбоев Ҷ.А. таҳлили фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат ва саноати кишвар гузаронида, қайд менамояд, ки афзоиши миёнаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ 2,53%-ро ташкил намуда, дар ҷумҳурӣ афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ нобаробар аст, аз ҷумла болоравии андозаи маҳсулоти саноатӣ соли 2020 назар ба соли 2015 дар мамлакат ба 3277 млн. сомонӣ ё 2,53% баробар гашта бошад, дар вилояти Суғд ба 10679 млн. сомонӣ ё 3,1% баробар гаштааст.

Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Хатлон ва ВМКБ мувофиқан ба 228,8 миллион сомонӣ ё 204% афзоиш ёфтааст, ки ин аз истифодаи босамари имкониятҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи саноат (СИС) дарак медиҳад (саҳ. 95).

Муаллиф фаъолияти баъзе субъектони соҳибкории шабакавиро дар соҳаи тиҷорати вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст.

Масалан, дар интернет-мағозаи Amid.shop дидан мумкин аст. Дар он аз 3000 номгуйи молҳои категорияҳои гуногун, аз ҷумла озуқаворӣ, маводи рӯзгор, маҳсулоти ороишӣ, маводи хонишӣ ва ғайра фурӯхта мешаванд ва ин номгӯй барои қонеъгардонии талаботи харидор мунтазам васеъ ва таҷдид карда мешавад.

Фаъолияти интернет-мағозаи Amid.shop: қабули фармоиш (ба воситаи сомона; замимаи мобилӣ; занги телефонӣ), дастрас кардани маҳсулот

(худдастрасӣ, курер), номгӯи васеи маҳсулот, нархҳои ҷолиброо пешниҳод менамояд.

Соҳибкории шабакавии минтақа ба фаъолияти иқтисодӣ ва тағйирот дар сохтори он таъсир мерасонад. Бояд гуфт, ки соҳибкории шабакавӣ ба воситаи интернет амалӣ мегардад ва барои анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ, хариду фурӯши мол ва хизматрасонӣ имконият фароҳам меорад ва аз ҷониби ширкатҳои зиёди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд, аз ҷумла ҶДММ «Рашод» (Somon.tj) имкониятҳо, мисли платформаҳои интернетӣ мавриди истифода қарор доранд, ки дар он зиёда аз 35 ҳазор эълон дар бораи фурӯши мол, пешниҳоди хизматрасониҳо мавҷуданд (саҳ.96).

Барои ҳалли масъалаи рушди соҳибкории шабакавӣ пешгӯйии пур кардани бозори меҳнат бо миқдори захираҳои меҳнатӣ лозим аст. Барои ин, Эшбоев Ҷ.А. истифодаи формулаи О.В. Чернявскойро пешниҳод менамояд (саҳ.104).

Диссертант дар боби сеюм «Такмили механизми рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон» - мукаммалгардонии ҳамкории давлат ва тиҷорат, васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ва танзими давлатии он ва ҷойгиркунӣ ва рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғдро баррасӣ намудааст (саҳ.110-153).

Унвонҷӯ 3 равияи мукаммалгардонии ҳамкории давлат ва тиҷорат дар рушди соҳибкории шабакавиро ҷудо менамояд:

- назарияи иқтисодии классикӣ (рақобатпазирии соҳибкории шабакавӣ чун унсури механизми бозор);
- назарияи муосири морфологияи бозор (рақобатпазирӣ);
- вусъатёбии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ ва назарияи маркетингӣ (саҳ.110).

Ба фикри муаллифи рисола васеъшавии доираи фаъолияти соҳибкории шабакавӣ дар иқтисодиёти вилоят дар оянда тамоюлҳои тараққиёти иқтисодиёти кишвар ва дигаргуниҳои дохили минтақаҳои ҷумҳуриро пешакӣ муайян мекунад (саҳ.127).

Оиди сифати маҳсулот, Эшбоев Ҷ.А. қайд мекунад, ки дар муқоиса бо

нишондиҳандаи накшавӣ аз ҳисоби барзиёд иҷро кардани накшаи ҳаҷми истеҳсоли мол такмил ёфтааст. Афзоиши микдори истеҳсоли мол ва сифат бо омилҳои ташкилӣ-техникии васеъшавии доираи фаъолияти сармояи зеҳнии шабакавии инноватсионии ширкати «Амид» алоқаманд аст, ё ба таври дигар гӯем, зери таъсири ин омилҳо афзоиши истеҳсол ва фоида ба миён омадааст. Албатта, афзоиши музди меҳнат ба мушоҳида мерасад, вале нокифоя аст (саҳ.133).

Механизми танзими давлатии рушди соҳибкории шабакавӣ дар шароити муосир асосан тавассути санадҳои қонунгузории танзимкунандаи идоракунии инфрасохтори иқтисодиёт ва бозор амалӣ карда мешавад (саҳ.139).

Хусусан, дар соли 2022, 1382 корхонаи саноатӣ бо 15 ҳазор ҷойи корӣ, 2800 корхонаи саноатӣ бо 85 ҳазор ҷойи корӣ, ки то ба 43 млрд сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд.

Дар хулосаи диссертатсия (саҳ.154-156) муаллиф барои ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасигашта тавсияҳо ва пешниҳодҳои мушаххас овардааст.

**7. Эроду тавсияҳо оид ба диссертатсия**

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Асосҳои назариявии иқтисодиёти шабакавӣ дар сатҳи зарурӣ муайян ва арзёбӣ шудааст, аммо мутаассифона, дар раванди омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологии ҷанбаҳои институтсионалии ин сохтор ба таври кофӣ ҳаматарафа ва чуқур таҳқиқи худро наёфтааст.

2. Дар боби дуюми диссертатсия ҳолат ва инкишофи муосири соҳибкории шабакавӣ дар вилояти Суғд таҳқиқ карда шудааст. Аммо дар диссертатсия баъзе хулосаҳои муаллиф нисбат ба натиҷаҳои гирифташуда аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ асосноккунии мушаххасро талаб мекунад.

3. Дар диссертатсия муаллиф самти фаъолнокии соҳибкории шабакавӣ дар вилояти Суғд ва нишондиҳандаҳои онро дар ҷадвали 2.1.1 (саҳ.66) нишон додааст. Дар асоси ин нишондиҳандаҳо гузаронидани пешгӯйии фаъолияти онҳо хуб мешуд.

4. Дар саҳифаи 113 (шарҳи расми 3.1.1) муаллиф коркарди механизми такмили ҳамкории давлат ва тиҷорат дар соҳибкории шабакавии вилояти Суғдро пешниҳод намудааст, аммо шаклҳои мутақобилаи ҳамкории давлат ва тиҷорат дар ин самт ошкор карда нашудааст.

5. Дар диссертатсия таҳлили соҳибкории шабакавӣ асосан дар ташкилотҳои савдо бурда шудааст, аммо дар раванди пешгӯйӣ ташкилотҳои саноатӣ оварда шудааст.

6. Дар кори мазкур хатогиҳои услубӣ ва инчунин хатогиҳои хусусияти техникӣ дошта мавҷуданд.

Лекин, ба ақидаи мо эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии диссертатсияи тақризшавандаро коҳиш намедиҳанд.

Дар умум, диссертатсияро метавон гуфт, ки таҳқиқоти баитмомрасида аст, мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос карда мешавад.

**8. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Баррасии диссертатсия нишон дод, ки вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф дар умум 15 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 8 адад дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ба нашр расонидааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён гардидаанд.

**9. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия**

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**10. Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида**

Диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар мавзуи “Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории шабакавии вилояти Суғд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 — Иқтисодиёти соҳибкорӣ ба талаботи Комиссияи олии ат-

тестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи диссертатсия сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида маҳсуб шуда, дорои пешниҳодҳои мушаххас нисбати рушди соҳибкории шабакавии вилояти Суғд мебошад.

Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки диссертатсияи Эшбоев Ҷонибек Абдумаликович дар асоси талаботи илмӣ-назариявӣ ва амалияи муосир анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯ ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин, арзанда аст, ки ба муаллифи он дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 — Иқтисодиёти соҳибкорӣ дода шавад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №7, аз 13 январи соли 2025).

Натиҷаи овоздиҳӣ: 9 - нафар тарафдор, зид - 0, бетараф - 0.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи
иқтисодиёт ва соҳибкории
ДИС ДДТТ, номзади илмҳои
иқтисодӣ, дотсент — Каримова И.И.

**Ташхисгар:**
муаллимаи калони
кафедраи иқтисодиёт ва
соҳибкории ДИС ДДТТ,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Азизова Ш. Ғ.

**Котиби ҷаласа:**
дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва
соҳибкории ДИС ДДТТ,
доктор PhD — Нишонзода Р.

Имзоҳои И.И. Каримова, Ш.Ғ. Азизова ва Р. Нишонзода-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДИС ДДТТ** — **Маҳмудов Ш.**

Муассисаи давлатии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ... Шӯъбаи кадрҳо

**Суроға:**735700, Тоҷикистон, в. Суғд, ш. Хуҷанд, хиёб. И.Сомонӣ, 169.
тел.: +992 (3422) 6-03-21, e-mail: info@iet.tj